# МАКТАБИ ИЛМИИ АКАДЕМИКИ АМИТ НУСРАТ РАҶАБОВ

## 1. *Мухтасар таърихи мактаби илмӣ*

Дар солҳои 60-уми асри ХХ олимони барҷастаи шӯравӣ А.Я. Александров ва Ю.П. Соловёв масъалаҳои назарияи чандирии фазоии тири симметриро таҳқиқ карда, онҳоро ба ҳалли муодилаҳои интегралии ҷинси якуми комплексии намуди Волтерра бо ядроҳои дорои хусусиятҳои махсус бурданд. Дар ҳамин давра Л.Г. Михайлов, мудири Шуъбаи физикаю математикаи назди Президиуми АИ ҶШС Тоҷикистон, ба омӯзиши муодилаҳои дифференсиалии ҳосилаҳои хусусӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ машғул буд. Бо дарназардошти аҳамияти масъала, ӯ таҳқиқи онро ба шогирди худ Нусрат Раҷабов вогузошт.

Дар ҷараёни тадқиқот Устод Нусрат Раҷабов муайян намуд, ки тасвири интегралии ин муодилаҳо ҳолати хусусии тасвири интегралии муодилаи Эйлер–Пуассон–Дарбу мебошад. Ӯ формулаи баръакси ин тасвирро барои дохил ва сарҳади соҳа ба даст овард. Ин натиҷаҳои илмӣ асоси рисолаи номзадии ӯ гардиданд.

Устод Нусрат Раҷабов барои рушди ин мактаби илмӣ бо олимони маъруфи дохил ва хориҷи кишвар ҳамкории зичро ба роҳ монда буд. Аз ҷумла, бо олимони барҷастаи ҷаҳонӣ: Ф.Д. Гахов, М.М. Смирнов, Ф.Ф. Волкодавов, А.И. Янушаускас, О.А. Репин, В.А. Илин, М.С. Салоҳиддинов, Т.Д. Ҷураев, А.М. Нахушев, В.Н. Врагов, Ш.О. Олимов, А.П. Солдатов, Т.Ш. Калменов, К.Б. Сабитов, Роберт Гилберт (ИМА), Бегер Волфган, Михаил Райсик, Волфган Тучке (Ҷумҳурии Олмон), Лу Хен Шон (Чин) ва дигаронро метавон номбар кард. Ҳамкории онҳо дар тайёр кардани кадрҳои илмии соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ ва муодилаҳои интегралӣ бо ядроҳои махсус барои Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт.



## 2. *Тарҷумаи ҳоли роҳбари мактаби илмӣ*

**Нусрат Раҷабов -** риёзидон, доктори илмҳои физикаю математика (1975), профессор (1979), академики Академияи илмҳои Тоҷикистон (2001), Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1994), Академики Шуъбаи Тоҷикистонии Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ (1999), Барандаи якчанд унвонҳои фахрии байналмилалӣ ва дохилӣ, 25 сентябри соли 1938 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1960 Нусрат Раҷабов фаъолияти худро дар Шуъбаи илмҳои физика ва математикаи АИ Тоҷикистон оғоз намуда, сипас аз соли 1962 то 1965 дар аспирантура

таҳсил кард. Соли 1966 рисолаи номзадӣ ва соли 1975 рисолаи докториро (Донишгоҳи давлатии Белоруссия, Минск) ҳимоя намуд. Соли 1979 унвони профессор гирифт.

Устод Раҷабов Нусрат солҳои 1978–1981 муовини декан оид ба корҳои илмӣ, солҳои 1982–1985 декани факултаи механика ва математикаи ДДТ ба номи В.И. Ленин буд. Солҳои 1977–2013 мудири кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳои ДМТ, солҳои 2000–2005 академик–котиби Шуъбаи илмҳои физикаю математика, кимиё ва геологияи АИ Тоҷикистон буд.

Раҷабов ҳамчунин солҳои 2000–2005 намояндаи Тоҷикистон дар Комитети илмии НАТО ва солҳои 2002–2004 котиби генералии Асоциатсияи Академияҳои илмҳои кишварҳои Осиё (AASA) буд.

Нусрат Раҷабов аввалин олими тоҷик аст, ки муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ бо коэффисиентҳо ва ядроҳои дорои махсусияти дараҷаи баландро омӯхта, натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст. Ӯ корҳои илмии худро дар се Конгресси умумиҷаҳонии математикон (Варшава, 1983; Сюрих, 1994; Берлин, 1998), як қатор конгрессҳои байналмилалии ISAAC (Япония, 1999; Анкара, 2007; Лондон, 2009), Конгресси математикони Аврупо (Барселона, 2000), конфронсҳои математикони Осиё (Гонконг, 1990) ва беш аз 50 чорабинии илмии байналмилалӣ пешниҳод намудааст.

Нусрат Раҷабов зиёда аз 350 мақолаҳои илмӣ ва зиёда аз 10 монография ва китобҳои дарсӣ навиштааст. Мақолаҳои илмии ӯ дар нашриётҳои бонуфузи ҷаҳон, ки ба базаҳоии додаҳои илмии байналмилалии Скопус (Scopus) ва (Web of Science) дохиланд ва маҷалаҳои тақризшавандаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар нашриётҳо ба забонҳои англисӣ ва русӣ чоп шудааст.

**3.** ***Самтҳои асосии таҳқиқотии мактаби илмӣ:***

- Муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ ва муодилаҳои интегралӣ бо ядроҳои махсус;
- Системаҳои муодилаҳои интегралии ҷинси дуюми Волтерра бо нуқтаҳои махсуси чап ва рост;
- Тасвири бисершаклии муодилаҳои интегралии дученакаи намуди Волтерра бо хатҳои дохилӣ ва сарҳадии махсус;
- Системаҳои муодилаҳои интегралии барзиёдмуайяншуда бо коэффисиентҳои сингулярӣ;
- Муодилаҳои интегралии сеченакаи намуди Волтерра бо ядроҳои махсуси сарҳадӣ;
- Системаҳои муодилаҳои дифференсиалии тартиби дуюм;
- Тасвири маҷмӯи ҳалҳо ба намуди қатори дараҷагӣ ва масъалаҳои канорӣ барои муодилаҳои махсуси дифференсиалии тартиби чорум бо хати сингулярӣ, дар ҳолати якуми истисноӣ.

4. ***Дастовардҳои назариявӣ ва амалии мактаб***

Дастовардҳои назарраси мактаби илмии академик Нусрат Раҷабов хеле зиёданд. Ҳоло ӯ ба ҳайси профессори кафедраи «Таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо»-и факултети механикаю математикаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон ва роҳбари илмии гурӯҳи илмӣ-тадқиқотии “Муодилаҳои бисёрченакаи намуди Волтерра бо ядроҳои қайдкардашудаи сингулярӣ ва супер-сингулярӣ ва тадбиқи онҳо” фаъолият намуда бо корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳо машғул мебошад. Бо роҳбарии ӯ зиёда 30 нафар олимони ҷавон рисолаи номзадиро дифоъ намудаанд, ва якчанд нафар аз шогирдони устод, рисолаи докториро ҳимоя карда ба унвони профессорӣ мушарраф гардиданд.

5. ***Ҳамкориҳо ва таъсири мактаби илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар***

Мактаби илмии академик Нусрат Раҷабов бо як қатор муассисаҳои илмӣ ва илмӣ-тадқиқотии дохил ва хориҷи кишвар ҳамкории зич дорад. Аз ҷумла, бо Донишгоҳи миллии Авруосиёии ба номи Л. Гумилёв ва Донишгоҳи Назарбоеви Ҷумҳурии Қазоқистон, Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек ва Институти математикаи ба номи академик В.И. Романовский (ш. Тошканд, Ӯзбекистон), кафедраи «Муодилаҳои дифференсиалӣ»-и Донишгоҳи давлатии Москва, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Институти математикаи АИ ҶТ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ.




Самараи ин ҳамкориҳо дар он аст, ки шогирдони мактаби илмии устод Раҷабов дар донишгоҳҳои мазкур ва дар конгрессу конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ бо маърӯзаҳо баромад намуда, дастовардҳои ин мактаби илмиро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.






6. **Саҳми илмӣ ва корҳои муҳими илмӣ.Натиҷаҳои илмӣ аз ҷумла нашри монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои Scopus, Web of Science ва дигар пойгоҳҳои бонуфуз ба нашр расидаанд.**

Академик Нусрат Раҷабов ва шогирдони мактаби илмии У, дорои шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ мебошад, ки дар маҷаллаҳои байналмилалии тақризшавандае, ки ба пойгоҳҳои **Scopus ва Web of Science** индексатсия шудаанд. Инчунин нашриёти **LAP LAMBERT Academe Publishing** зиёда аз 5 монографияи шогирдони мактабҳои илмии академик Раҷабовро ба нашр расонидааст. Мақолаҳои нашршуда асосан ба самтҳои таҳқиқотии муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ, муодилаҳои интегралии намуди Волтерра бо ядроҳои махсус ва таҳлили маҷмӯи ҳалҳо равона шудаанд. Натиҷаҳои илмии Устод Раҷабов Н. ва шогирдони мактаби илмии У, дар ин пойгоҳҳои байналмилалӣ ба ҷаҳони илм шинохта шудаанд ва барои баҳодиҳии таъсиргузории илмӣ (citation) ва эътирофи байналмилалӣ ҳамчун воситаи муҳим хизмат мекунанд.

**Ҷоизаҳо ва дастовардҳои роҳбари мактаби илмӣ академик Нусрат Раҷабов:**

- Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1994)

Инчунин Ӯ дорандаи

- стипендияи Академияи илмҳои Олмон (DAAD, 1995),
- стипендияи шуъбаи Маҷористонии Комитети илмии NATO доир ба илм ва технология (2001),
- стипендияи Давлатии ба номи Фулбрихт (англ. *(Fulbright Fellow)*)-и ИМА (2006),
- медали тилои шарафи Институти Биографии Амрико мебошад (2004) мебошад.
- Ҷоизаи "Шахси шинохтаи сол" (англ. *("Man of the Year")*) Институти Биографии Амрико (2004, 2005, 2007),
- Маркази Байналмилалии Биографии Кембридҷи (Cambridge) Британияи Кабир (Англия), Н. Раҷабовро ба китоби «2000 нафар шахсони машҳуртарини интелектуалии садаи XXI» (англ. *("2000 Outstanding Intellectuals of the 21 st Century")*), дохил намудааст (2007),
- Институти Биографии Амрико Н. Раҷабовро ба китоби «500 нафар бузургтарин шахсони болаёқати садаи XXI» (англ. *("500 Greatest Geniuses of the 21 st Century")*) дохил намудааст (2007),
- Соли 2011 ба мукофоти олии Итиходи давлатҳои мустақил “СИТОРАҲОИ ИТТИҲОД” (русӣ: "Звезда Содружества") мушарраф гардидааст.

- Соли 2015 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қазоқистон ва Донишгоҳи давлатии минтақавии ба номи К. Жубанови Ҷумҳурии Қазоқистон ба Н. Раҷабов унвони «Профессори фахрии донишгоҳ» доданд.
- Соли 2016 Маркази биографии Кембриҷ (Англия) Н. Раҷабовро барои дастовардҳои назаррас дар соҳаи математика (муодилаҳои интегралӣ) бо дипломи Исаак Нютон сарфароз гардонид.